**Суратмаҷлиси № 3**

маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷики МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

аз 28-уми октябри соли 2022

**Иштирок доштанд:** раис ва аъзои Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷик, муқарризони холиси экспертизаи давраи дуюми диссертатсия – дотсентон Холшехова С.А. ва Одинаев А., роҳбари илмии диссертатсияи баррасишаванда – профессорон Ҳасанзода А.А., докторони илми филология, профессорони кафедраи забони тоҷикӣ Шокиров Т.С., Ваҳҳобов Т., профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик Абдуқодиров А., дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик Ӯзбеков С.

**Рӯзнома:**

1. Баррасии диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" оид ба экспертизаи давраи дуюми диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович таҳти унвони «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ.

**Шунида шуд:**

**Тиллохоҷаева М.** – раиси Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷик, н.и.ф., дотсент маҷлисро кушода, иброз дошт, ки дар рӯзномаи маҷлис масъалаи аввал баррасии диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи забони тоҷикӣ факултети филологияи тоҷик барои экспертизаи давраи дуюм (аз рӯйи талаботи Низомномаи нави Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) мебошад.

Роҳбари илмии диссертатсия д.и.ф., профессор Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф мебошанд.

Мақсади экспертизаи давраи дуюм ба ҳимоя мувофиқ будан ё набудани диссертатсия, пешниҳоди он ба Шӯрои диссертатсионӣ (агар

мувофиқ бошад) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мебошад.

Сухан барои шинос кардан бо муҳтавои диссертатсия ба унвонҷӯ Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович тахти унвони «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ дода шуд.

Унвонҷӯ Рахимов Абдулкосим дар маърӯзаи худ оид ба мақсад, вазифа ва муҳтавои диссертатсия гуфт:

“Иҷозат фармоед, рисолаи номзадии худро зери унвони «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ пешниҳод намоям. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса иборат буда, дар ҳаҷми 169 саҳифаи чопи компутерӣ таълиф гаштааст.

Рисолаи тадкиқоти комилу анҷомёфтаи илмӣ ҳисоб ёфта, арзиши муҳимми назарию амалӣ дошта, аз навгонии илмӣ бархурдор аст. Аҳаммияти мавзуи диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки қазияи маҳфуз мондани унсурҳои луғавии дар «Ғиёс-ул-луғот»-и Ромпурӣ зикрёфта дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ то ҳол ба таври комил мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, мавриди муқоиса қарор додани калимаву таркиб ва ибораҳои фарҳангномаи мазкур бо маводи лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ яке аз масоили мубрами забоншиносии муосири тоҷик ба шумор меравад.

Ромпурӣ фарҳангномаи худро, ки дар байни фарҳангномаҳои дигар хусусияти ҷамъбасткунандаро дорад, дар асоси маводи осори илмиву адабӣ ва луғатномаҳои гузаштагону ҳамзамононаш дар давоми чаҳордаҳ сол таълиф карда, онро соли 1827-ум анҷом додааст. Дар фарҳанги мазкур 17 537 воҳиди луғавӣ шарҳ дода шудаанд ва як ҳиссаи чунин

унсурҳои луғавиро калимаву таркиб ва ибораҳое ташкил додаанд, ки бо вуҷуди аз доираи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ берун шуданашон дар забони мардуми минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ва мавзеъҳои бурунмарзии тоҷикнишин боқӣ мондаанд. Маҳз ҳамин ҷиҳат диссертантро водор кард, ки ба таври муқоисавӣ лексикаи куҳани фарҳангномаро бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Асоси назариявӣ ва методологии кори диссертатсионии А.Раҳимовро осори илмию назариявии олимони забоншинос, мисли М. Т. Баҳор, П. Н. Хонларӣ, В. С. Расторгуева, Ю. А. Рубинчик, А. Л. Хромов, Ш. Рустамов, Ю. Салимов, М. Н. Қосимова, Ғ. Ҷӯраев, В. А. Капранов, Ҳ. Маҷидов, Д. Саймиддинов, Ш. Исмоилов, Д. Хоҷаев, М. Маҳмудов, А. Воҳидов, С. Хоркашев (Раҳматуллозода), А. Ҳасанов (Ҳасанзода) ва дигарон ташкил додааст.

Дар рисолаи диссертатсионӣ бори нахуст дар забоншиносии тоҷик дар асоси маводи яке аз муътабартарин луғатномаҳои қарни XIX - «Ғиёс-ул-луғот»-и Ромпурӣ робитаи унсурҳои луғавии он бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Ба андешаи рӯшанӣ андохтан ба нуктаҳои мавҳуми истифодаи вожаҳои алоҳида ва мансубияти забонии онҳо далелҳои забонҳои дигари эронӣ ва ғайриэронӣ истифода гардидаанд. Дар рисола нахустин маротиба роҳҳои мухталифи ба таҳаввулот дучор гардидани унсурҳои куҳан дар лаҳҷаҳои фавқуззикри ҳозираи тоҷикӣ нишон дода шудааст, мақому мавқеи ҳодисаҳои фонетикӣ дар таҳаввулоти онҳо ошкор карда шуда, бартарияти боқимонии унсурҳои луғавии эрониасл нисбат ба иқтибосӣ инъикос гардидааст.

Хулосаи диссертатсия ба ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ мувофиқ аст.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар 12 мақолаи илмӣ инъикос шуда, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои илмии аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидааст. Мазмуни диссертатсия ҳамчунин дар шакли маъруза дар ҳамоишҳои

илмии донишгоҳӣ (солҳои 2012-2022), ҷумҳуриявиву минтақавӣ (2014, 2020, 2022) баён гардида, дар маҷмуаҳои ин ҳамоишҳо чоп шудаанд.

Дар қисмати саволу ҷавоби маҷлис ба унвонҷӯ чунин саволҳо дода шуданд:

**Савол:** профессор Шокиров Т.С. – Маърӯзаи унвонҷӯ пурмуҳтаво буд, ман онро бодиққат гӯш кардам. Барои чӣ маҳз се забонро интихоб кардед, ҳол он ки барои муқоиса ду забон: тоҷикӣ-русӣ ё тоҷикӣ-англисӣ кифоя набуд?

**Савол:** – Шумо дар гузориши худ дар бораи фарҳанги классикии тоҷик истода гузаштед, оё дар давраи муосир фарҳанги муосирро низ мавриди муқоиса қарор надодед?

**Ҷавоб: -** Ташаккур барои саволҳо, мақсади диссертатситяи мо дар муқоиса омӯхтани хусусиятҳои лаҳҷаҳои фарҳанги "Ғиёс-ул-луғот" мебошад. Мақсади мо дар заминаи муқоисаи лаҳҷаҳои замони муосири забони тоҷикӣ мавриди муқоиса қарор гирифт, ки он аз лиҳози омӯзиши лаҳҷаҳо қисмати забонро пурратар мекунад.

**Савол:** дотсент Олимҷонов М.– Маълум аст, ки диссертатсияи Шумо ба муқоисаи лаҳҷаҳои минтақаҳои шимолу ҷануби Тоҷикистон бахшида шудааст. Нақши ин лаҳҷаҳои як забон ва таъсирпазирии онҳо дар ҳалли масъалаҳои мавзӯъ чӣ гуна аст?

**Ҷавоб:** - Ташаккур, ҳамаи ин лаҳҷаҳои як забон дар рушди забони тоҷикии имрӯза нақши муайян доранд, вале бинобар сабаби ташаккули забони тољикї фарқиятҳо низ бисёр дида мешавад.

Раиси маҷлис суханро барои тақриз ба муқарризи холис н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои тољикї ва русии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Холшехова С.А. дод.

**Гузориши муқарризи холис, номзади илми филология Холшехова С.А.:**

Тавре, ки маълум аст, масъалаи робитаҳои унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву

шимолии тоҷикӣ то ба имрӯз ба сифати таҳқиқоти алоҳида пажӯҳиш нагардидааст. Таҳқиқи масъалаи фавқ мубрам буда, он метавонад дар муайянсозии роҳҳои мухталифи ба таҳаввулот дучор гардидани унсурҳои куҳан дар лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ, мақому мавқеи ҳодисаҳои фонетикӣ дар таҳаввулоти онҳо, бартарияти боқимонии унсурҳои луғавии эрониасл нисбат ба иқтибосӣ кӯмак намояд.

Маҳз чунин ҳолат имрӯз боис гардидааст, ки Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар кори диссертатсионии мазкур барои омӯзиши хусусиятҳои зикри унсурҳои луғавии аслии тоҷикӣ ва иқтибосӣ (аз забонҳои дигари эронӣ, арабӣ, туркӣ, ҳинди)-и «Ғиёс-ул-луғот», усулҳои пойдормонии онҳо дар лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолӣ, инчунин истифодаи унсурҳои лаҳҷавӣ ҳамчун маводи эзоҳёбанда ва зикри онҳо аз забони муаллифи луғатнома тадқиқоти алоҳидаеро ба таври шоиста анҷом диҳад.

Ҷои зикр намудан аст, ки муҳақиқ як навоварие дар илми забоншиносии тоҷик ворид намуда, муваффақ бар он гардидааст, ки нахустин маротиба дар асоси маводи яке аз муътабартарин луғатномаҳои қарни XIX робитаи унсурҳои луғавии он бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикро мушаххасан нишон диҳад.

Дар автореферати диссертатсия муҳақиқ таъкид менамояд, ки ба баррасии робитаи забони «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ даст зада, дар ҷараёни таҳлил кӯшиш намудааст, ки сабабҳо, усулҳо ва хусусиятҳои боқимонии унсурҳои луғавии дар луғатномаи мазкур истифодагардидаро дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии ҳозираи тоҷикӣ ба риштаи таҳлил кашад.

Мутобиқ ба усули таҳқиқ маводи «Ғиёс-ул-луғот»-и Ромпурӣ гирдоварӣ шуда, гоҳ-гоҳ бо мақсади инъикос намудани пешгузаштаи иддае аз калимаҳо онҳо бо маводи баъзе фарҳангномаҳои қадиму муосир, мисли «Чароғи ҳидоят»-и Орзу, «Луғатнома»-и Деххудо, «Фарҳанги забони тоҷикӣ», «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ва

чанди дигар муқоиса карда шудааст, ки аҳамияти муҳими илмию назариявӣ дорад.

Муаллиф тамоми талаботҳоеро, ки барои автореферати диссертатсия муайяну муқаррар шудаанд, риоя карда, дар сатҳи хеле баланди илмӣ таълиф намудааст, ки фарогири мундариҷаи асосии кори мазкур буда, далели он аст, ки муҳақиқ тавонистааст дар асоси мавод оид ба маҳфузмонии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ назари илмии худро иброз кунад ва дар забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ баъзе нуктаҳои ҷолибро баён созад.

Бояд гуфт, ки ҳаҷми рисола низ ба талабот ҷавобгӯй буда, он аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқии истифодагардида иборат буда, ҳаҷми умумии он фарогири 161 саҳифаҳаи чопи компютерӣ мебошад.

Як нигоҳи иҷмолӣ ба мундариҷаи кор шаҳодати он аст, ки резакории мавзуъҳо барои амиқ омӯхтани муаммои дар пеш гузошта мусоидат кардааст.

Муаллифи рисола тавонистааст, ки ҷанбаҳои назариявии масъаларо муайян намуда, асару мақолаҳои олимони намоёни ватаниву хориҷиро ба риштаи баҳс кашад ва зимни он андешаронӣ намояд.

Яке аз аҳамияти рисола дар он аст, ки метавон натиҷаҳои онро дар оянда ҳангоми таълифи осори таҳқиқӣ доир ба лаҳҷашиносии таърихӣ, таърихи забонҳои эронӣ, эҷоди фарҳангномаҳои этимологӣ истифода бурд.

Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович баъди дар муқаддимаи рисола роҷеъ ба мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯхта шудани он вазифаҳои дар наздаш гузошташуда, навоварии тадкиқот, аҳамияти назариву амалии кор ва мисоли инҳо андешаронӣ кардан ба таҳлили маводи гировардаи хеш мепардозад.

Боби нахусти рисола «Муносибати Муҳаммад Ғиёсуддин ба унсурҳои лаҳҷавӣ» ном дошта, муаллиф дар се фаслу ду зерфасли он дар

хусуси Муҳаммад Ғиёсуддин ва мансубияти маҳаллии вожаҳо, мавридҳои истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ дар «Ғиёс-ул-луғот», истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ аз тарафи муаллифи «Ғиёс-ул-луғот», шарҳи воҳидҳои фразеологии лаҳҷавӣ дар «Ғиёс-ул-луғот» далелҳои мушаххас нишон додааст. Дар ин боби рисола андешаҳои Ромпурӣ дар мавриди маҳз ба кадом минтақаи Мовароуннаҳр, Хуросону Эрон ва монанди инҳо таалуқ доштани чунин воҳидҳои луғавӣ баррасӣ гардида, вижагиҳои ҳар кадомашон ба таври возеҳу равшан нишон дода шудааст.

Боби дуюми рисола «Муқоисаи вожаҳои қадими эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» номгузорӣ шуда, дар он таҳлили пойдормонии унсурҳои луғавии бостонии ба ҳамон шакли дар «Ғиёс-ул-луғот» мустаъмал, инчунин боқимонияшон ба гунаи таҳаввулёфта ё бо дигаргунии маъно баррасӣ шудаанд. Зербобҳои ин боб ба масъалаи корбурди унсурҳои луғавии нодире дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ бахшида шудааст, ки онҳоро аз таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ пайдо намудан бисёр душвор аст. Таваҷҷуҳи муҳаққиқ бештар ба қисме аз ин гуна калимаҳо равона гардидааст, ки умри зиёда аз ҳазорсола дошта, дар тӯли чунин даврони дуру дароз қариб бе тағйири шаклу маъно то рӯзгори мо омада расидаанд. Дар баробари калимаҳои дигар, ба сифати мисол диссертант ин ҷо шарҳи феъли калкал (кардан)-ро дар «Ғиёс-ул-луғот» ва истифодаашро дар лаҳҷаҳои шимолӣ, мисли Хуҷанд, Конибодом, Исфара, меорад, ки «сарзаниши сахт кардан», «аз чор тараф ба касе дарафтодан»-ро дар лаҳҷаи Бухоро ба маънои «мағал кардан, ғалоғула намудан»-ро, аммо дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ чор тобиши маъноиро, ки соҳиб гардидааст, инҳо: мағал, ғайбат, мазоҳ (масхара), овоза паҳн карданро соҳиб гардидааст.

Махсусан дар ҳамин боб муҳаққиқ ба масъалаи таҳаввулоти шаклии вожаву ибораҳои дар «Ғиёс-ул-луғот» мустаъмал дар тӯли мавҷудияташон андешаҳои асоснок оварда, онҳо бо маводи лаҳҷаҳои зикргардида қиёс карда шудаанд.

Дар чаҳор фаслу ду зерфасли боби сеюм, ки «Муқоисаи вожаҳои иқтибосии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» ном дорад, Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар заминаи маводи гировардаи хеш воҳидҳои луғавиеро, ки дар «Ғиёс-ул-луғот» эзоҳ ёфтаанд, ки онҳо ё ба забони портӣ, ё ба суғдӣ, ё ки ба забонҳои дигари ғарбӣ / шарқизабонӣ мансуб ҳастанд бо овардани далелҳои мушаххас нишон додааст. Маҳз дар ин боб муҳақиқ қайдҳои алоҳидаи муаллифи «Ғиёс-ул-луғот»-ро роҷеъ ба калимаҳои забонҳои бегона, ки баъди ба забони дигар дохил шуданашон ба кор рафта, бо мурури замон маънояшон дигар мешавад, яъне дар забони иқтибосгиранда ба маъное истифода мешавад, ки чунин маъно дар забони асл вуҷуд нест, бо овардани далелҳои возеҳу равшан зикр менамояд.

Аз таҳлили масъалаи тазаккурёфта муаллифи рисола ба чунин бардошт расидааст, ки «Ғиёс-ул-луғот»-и Ромпурӣ дар байни фарҳангномаҳои пешазинқилобӣ вазифаи луғатномаи ҷамъбасткунандаеро иҷро намуда, тамоми захираи луғавии то он замон гирдомадаро дар худ фаро гирифтааст. Ҳамаи воҳидҳои луғавии дар «Ғиёс-ул-луғот» зикршуда ҳоло дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар шаклу маъноҳои гуногун боқӣ монда, баъзеи онҳо имрӯз бе тағйири шаклу маъно, ҳиссаи дагар бо дигаргунии шаклӣ, гурӯҳи сеюм бо таҳаввулоти шаклу маъно ва қисми чорум бо маҳфуз мондани яке аз маъноҳои куҳанашон дар забони мардуми тоҷик ба кор мераванд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимов А. И. бозгӯи он аст, ки рисола ба сабки мутобиқ ба меъёрҳои илмӣ навишта шудааст.

Қобили тазаккур аст, ки сарфи назар аз дастовардҳои илмии диссертатсияи номзадии Раҳимов А.И. дар саҳифаҳои он як қатор нуқсонҳо роҳ ёфтаанд, ки зикри онҳо барои беҳбуди сифати кори илмӣ аз манфиат холи нахоҳад буд:

1. Бо вуҷуди кӯшишҳои пайгирона муаллиф ҳангоми нишон додани мансубияти маҳаллии баъзе калимаҳо ба иштибоҳ роҳ

дода, бархе аз вожаҳои умумихалқиро ҳамчун лаҳҷавӣ шарҳ додааст.

2. Дар ҳолатҳои алоҳида рақами баъзе осори илмӣ бо феҳристи адабиёти истифодашуда мувофиқат намекунад.
3. Дар баъзе саҳифаҳои рисола такрори фикр мушоҳида мешавад.
4. Диссертатсия бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, вале дар саҳифаҳои алоҳида ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ ба назар мерасад.

Нуқсонҳои зикршуда ислоҳпазир буда, қимати илмии рисоларо ҳаргиз коста намегардонанд ва дастовардҳои илмию назариявии муҳаққиқро кам намекунанд.

Умуман рисолаи диссертатсионии Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович кори илмии пурра баанҷомрасида маҳсуб гардида, аҳамияти калони илмӣ-назариявӣ дорад ва ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон посухгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯи ихтисоси 10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ мебошад.

**Гузориши муқарризи холис ОдинаевА.:**

Фарҳангнигории форсии тоҷикӣ дар сарзамини Ҳинд дорои собиқаи куҳан буда, аксари асарҳои лексикографӣ дар ин хитта арзи ҳастӣ кардаанд. Тадвин гардидани фарҳангномаҳо дар ин сарзамин бе сабаб набуда, забони форсии тоҷикӣ асрҳои тӯлонӣ ба ҳайси забони илму адаб, донишу хирад ва идораву мукотиботи расмӣ ифои вазифа кардааст. Гуфтан мумкин аст, ки аз рӯи меҳру муҳаббат ва ниёзе, ки мардум ба ин забони малакутӣ доштанд, луғатномаҳои зиёде дар ин сарзамин рӯйи кор омаданд ва садсолаҳост, ки ҳамчун сарчашмаи воситаи омӯзиши забон ва ё дарки матолиб суханварони форсигӯй дар истифодаи аҳли илму адаб ҳастанд.

Анъанаи луғатнигорӣ дар ин кишвар муттасил идомат доштааст, ки дар натиҷа асарҳои гаронарзиш ва пурмуҳтаво ба мерос гузошта шуданд, ки то ба имрӯз арзиши волои худро аз даст надодаанд. «Ғиёс-ул-

луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ аз зумраи ҳамин гуна осори лексикографии арзишманд аст, ки муаллиф барои тадвини он чаҳордаҳ сол дуди чароғ хурдаву заҳамоти зиёдеро таҳаммул намудааст. Ромпурӣ солҳо азият кашида, дар ин асари арзишманд ва мондагори худ беш аз 17 ҳазор воҳиди луғавиро фароҳам ва шарҳу маънидод намудааст.

Доир ба мақому ҷойгоҳи ин луғатномаи муътабар ва вежагиву принсипҳои кори муаллиф дар тадвини он ва масоили марбут ба сохтору муҳтавои он ногуфтаҳо кам нестанд ва бахше аз онҳо дар пажӯҳишҳои як идда забоншиносон тазаккур ёфтаанд. Аммо зикри ин нукта ба назар ҷолиб меояд, ки ҳарчанд «Ғиёс-ул-луғот» дар қаламрави Ҳинд тадвин шуда бошад ҳам, вале маводи фактологии он нишон медиҳад, ки бо гӯйишҳои муосири забони тоҷикӣ иртиботи қавӣ ва ҷашмрас дорад. Маҳз ҳамин таносуби аносири луғавии лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии забони тоҷикӣ бо «Ғиёс-ул-луғот» ва аз назари забоншиносон барканор мондани ин масъала Раҳимов Абдулқосимро водор сохтааст, ки рисолаи номзадии худро дар ҳамин замина таҳия намояд.

Ҷоиз ба қайд аст, ки баъзе паҳлуҳои мавзуи мазкур аз ҷониби забоншиносон М. Н. Қосимова, А. Нуров, А. Воҳидов, Д. Хоҷаев, Ҳ. Маҷидов, Р. Каримхоҷаева, Ф. Ҷалолова ва дигарон омӯзишу тадқиқ шуда бошад ҳам, вале масъалаи муқоисаи унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии ин луғатнома бо гӯйишҳои забони тоҷикӣ то кунун мавриди пажӯҳиши густурда қарор нагирифтааст.

Мусаллам аст, ки ба таври муқоиса омӯхтани вожаҳои мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» ва лаҳҷаҳои тоҷикӣ кори басе сангину заҳматталаб мебошад, ки дар баробари донишу малака, аз муҳаққиқ сабру бурдборӣ ва дақиқкориву мӯшикофиро тақозо менамояд.

Гӯйишҳо дар баробари он ки аз нигоҳи аввал сода менамоянд, дорои аҳамияти вежа ва арзиши волои амалӣ дар ҳифозати вожаҳои куҳани асливу иқтибосӣ мебошанд, ки ҳамчун сарчашмаи боэътимод дар маърифат ва омӯзиши вазъи таърихӣ ва ҳолати кунунии забон хидмати арзанда менамоянд. Бо дарназардошти муҳиммияти масъалаи мазкур

пажӯҳиши Раҳимов А. басе мубраму саривақтӣ ва падидаи тоза дар забоншиносии тоҷик мебошад.

Рисолаи Раҳимов Абдулқосим «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» унвон дошта, сохтори он дар муқаддима, се боб, чанд фасл, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ тарҳрезӣ шудааст. Муқаддимаи рисола аз рӯйи талабот таҳия гардида, дар он масоили мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқ ва робитаи он бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назаривӣ, усул ва навгониҳои илмии таҳқиқот ва чанд масъалаи марбут ба мавзуи диссертатсия таҳлилилу баррасӣ шудаанд.

Боби якуми дисссертатсияи Раҳимов А. «Муносибати Муҳаммад Ғиёсиддин ба унсурҳои лаҳҷавӣ» унвон дошта, фарогири панҷ зербоб мебошад. Дар боби мазкур масъалаҳои маносубияти маҳаллии вожаҳо, истифодаи калимаҳои лаҳҷавӣ дар «Ғиёс-ул-луғот» ва корбаст шудани онҳо ба ҳайси унсурҳои эзоҳёбанда мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ба масъалаҳои мазкур таваҷҷуҳ намудани муаллифи рисола бесабаб набуда, дар воқеъ унсурҳои лаҳҷавӣ дар ҳама давру замон дар баробари калимаву таркиб ва ибораҳои забони адабӣ ҳамчун захираи луғавии зарурӣ мавриди истифода қарор гирифта, як бахше аз онҳо бо гузашти замони муайян ба забони меъёр ворид гардида, барои ғановат бахшидани таркиби луғавӣ саҳми босазо мегузоранд.

Ҳамчунин дар ин боби рисола принсип ва усусли ташреҳи воҳидҳои фразеологии лаҳҷавии «Ғиёс-ул-луғот» мариди пажӯҳиши ҷиддӣ қарор дода шудаанд. Аз ҷумла, бо далелҳо собит шудааст, ки дар омӯзиши сайри таърихӣ замина ва омилҳои рушду такомули воҳидҳои фразеологӣ дар қатори дигар маъхазҳо асарҳои лексикографӣ дорои мақоми шоиста мебошанд.

«Муқоисаи вожаиҳои қадимии эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» унвони боби

дувуми диссертатсияи Раҳимов А. мебошад, ки фарогири чанд фасли алоҳида аст.

Мусаллам аст, ки гӯйишҳо дар ҳифозати вожаҳои ноб саҳми чашмрас доранд, ки мо ин падидаро дар диалектҳои тоҷикӣ бахубӣ мушоҳида карда метавонем.

Муаллифи рисола пас аз муқоисаҳои вожаҳои эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба хулосае меояд, ки дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ калимаҳои нодиру нобе мавҷуд ҳастанд, ки онҳоро дар таркиби луғавии забони тоҷкии адабии кунунӣ пайдо намудан муҳол мебошад. Гурӯҳе аз ин калимаҳо сарнавишти беш аз ҳазорсола дошта, дар тӯли чунин даврони дуру дароз қариб бе тағйири шаклу маъно имрӯз низ дар гардиш мебошанд.

Аз фаслҳои боби дуюми рисола маълум мегардад, ки муаллиф маъноҳои қадимии вожаҳои «Ғиёс-ул-луғот»-ро бо маводи шеваҳои ҷанубиву шимолӣ муқоиса намудааст. Ҳамчунин аз қиёси маводи лаҳҷаҳо ва луғатномаи мазкур ба чунин натиҷа расидааст, ки як қатор вожаҳои эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» тағйири шакл намудаанд.

Боби сеюми рисолаи Раҳимов А. «Вожаҳои иқтибосии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» номгузорӣ гардида, дар он вожаҳои дигари эронӣ, инчунин калимаҳои иқтибосии ҳиндӣ, арабӣ ва таҳаввулоти маъноии онҳо ва унсурҳои туркии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои тоҷикӣ муқоисаву баррасӣ шудааст. Ин нукта мусаллам аст, ки вожаҳои иқтибосӣ аксаран ба забони адабӣ ворид гардида, бо мурури замон таъсири худро ба шеваю лаҳҷаҳо низ мерасонанд, ки мо мисоли равшани онро аз сарнавишти калимоти арабӣ дар забони тоҷикӣ ба мушоҳид гирифта метавонем.

Маводи фаровоне, ки дар боби сеюми рисолаи ҳозир мавриди муқоисаву баррасӣ қарор гирифтааст, баёнгари он аст, ки дар баробари забони адабӣ лаҳҷаҳо низ аз аносири луғавии иқтибосӣ таъсири босазое пазируфтаанд. Маълум мегардад, ки гӯйишҳои шимоливу ҷанубии забони тоҷикӣ мисли забони адабӣ аз забони арабиву забонҳои туркӣ

калимоти муайянро вом гирифтаанд. Ин масъала бо овардани далелҳои фаровон аз ҷониби муаллифи рисола таҳлил ва тасбит шудааст.

Дар қисмати хулосаи рисола бардоштҳо ва андешаҳои муаллиф дар 32 бахш нишон дода шудааст, ки ин ҳама аз мӯшикофӣ ва дақиқкории соҳиби рисола дар баррасии масъалаи мавриди пажӯҳиш гувоҳӣ медиҳанд. Аз хулосаҳои пешниҳодшуда метавон дарк намуд, ки ҳар кадоми онҳо дорои мантиқи қавӣ ва асоси илмӣ буда, баёнгари онанд, ки муаллиф ба умқи масъала фурӯ рафтааст.

Як назири иҷмолӣ ба феҳристи осори таҳқиқӣ нишон медиҳад, ки муаллиф аксари адабиёти заруриро омӯхта, дар мавридҳи муҳим аз онҳо дақиқкорона истифода намудааст.

Дар маҷмуъ, сохтори рисола аз рӯйи талаботи илмӣ тарҳрезӣ гардида, мазмуну муҳтавои он ҷавобгӯйи меъёри мавҷуда мебошад ва маълум мегардад, ки муаллиф барои дар чунин сурати хубу сирати дилнишин омода намудани он ранҷи фаровонро таҳаммул намудааст.

Дар баробари дастовардҳои фаровони илмиву амалие, ки муаллифи рисола зимни пажӯҳиши масъалаи мазкур ба онҳо даст ёфтааст, баъзе камбудиву норасоиҳо ба назар расид, ки ба инобат гирифтани онҳо аз манфиат холӣ нест:

1. Дар навишти баъзе калимаҳо сарфи назар шудани талаботи имлои нави забони тоҷикӣ, масалан дар саҳ. 7, 9, 11, 37 ва ғайра. Ба назар расидани баёнҳои муғлақ, чунонки дар ҷумлаи зерин **«Дараҷаи эътимоднокии дараҷаи таҳқиқот» (?)** саҳ. 12;

2. Зимни корбурди истилоҳоти соҳавӣ дар рисола духӯрагӣ ба назар мерасад;

3. Дар ном ва боби дуюму сеюми рисола таъбири «лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» омадааст, ки ба назар ғайримантиқа менамояд. Зеро таснифоти шеваҳои забони тоҷикӣ дар асри XX сурат гирифт ва дар гузашта ин гуна мафҳум ва чунин дастабандӣ вуҷуд надошт. Аз ном ва бобҳои диссертатсия фаҳмише ба вуҷуд меояд, ки гӯё таърихан, яъне дар асрҳои миёна низ чунин таснифоти шеваҳои забони тоҷикӣ вуҷуд доштааст.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, онҳо ба арзиши илмии рисола халал ворид намесозанд ва бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Раҳимов А. дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» тадқиқоти комил ва анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ҳуллу баррасии онҳо, саҳми шахсии муаллиф дар тадқиқи масъалаи мавриди пажӯҳиш, хулосаҳои мушаххас ва дорои бунёди қавии илмии муаллиф шаҳодат аз он медиҳанд, ки унвонҷӯ ба ҳадафҳои худ расидааст. Хулоса, диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» аз рӯйи талаботи илмӣ таълиф гардида, муаллифи он шоистаи дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ мебошад.

**Суханронии профессори кафедраи забони точикӣ Впххобов Толиб:**

Қайд карданиям, ки ман ҳамчун узви сексияи забоншиносии назди Шӯрои дифои рисолаҳои номзадии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дар ҷаласа иштирок ва гузориш доштам. Дар он бо иштироки олимони соҳибтаҷриба, аз ҷумла, докторон Шокиров Т.С., Ваххобов Т., Ҳасанзода А.А., докторант Олимҷонов М. ва нафарони дигар диссертатсияи Рахимов А. хеле батафсил муҳокима гардида, ба ҷуз зикри комёбиҳои унвонҷӯ, боз мушаххасан сухан аз норасоиҳо ва ислоҳи онҳо рафта буд. Таъкид карданиам, ки диссертант бо камоли масъулият ба ислоҳи норасоиҳо кӯшид: аз рӯйи дархостҳои муқарризон кор кард, рисоларо такмил дод.

Диссертатсия ба методологияи дурусти таҳқиқ асос ёфтааст, бобҳо бо ҳам дар алоқаи мантиқӣ қарор доранд, дар маҷмӯъ дар соҳаи фразеографияи муқоисавӣ таҳқиқоти мукаммал ба миён омад.

Ман ҳам диссертатсияи Рахимов А. дар мавзӯи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ-ро ҳамчун ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология ва муаллифи онро шоистаи унвони номзади илмҳои филология мешуморам.

**Суханронии роҳнамои илмии диссертатсия профессор Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф:** рисолаи унвонҷӯ Рахимов А. дар сексияи забоншиносии назди Шӯрои диссертатсионӣ мавриди баррасӣ қарор дошт. Дар муҳокимаи он олимони кафедраи забони тоҷикӣ иштирок карда, дар такмили диссертатсия пешниҳодҳо карданд, аз рӯйи онҳо унвонҷӯ хеле ҷиддӣ кор кард ва хатоҳо ислоҳ шуданд. Ман ҳамчун роҳнамои илмӣ диссертатсияро ба дифоъ пешниҳод менамоям.

Унвонҷӯ Рахимов Абдулкосимро бо корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ муттасил машғул аст, рисолаи худро дар дараҷаи баланд омода кардааст. Ман аз фаъолияти унвонҷӯ қаноатмандам, кор бо масъулияти баланд тайёр шудааст, боварӣ дорам, ки ҳимояи диссертатсия дар сатҳи баланд мегузарад.

**Суханронии муовини декани факултет оид ба корҳои таълим, н.и.ф., дотсент Рахматов Ш.:** Ман унвонҷӯ Рахимов Абдулкосимро бо анҷоми диссертатсияи номзадӣ табрик менамоям, боварӣ дорам, ки он бомуваффақият ҳимоя мегардад. Мехоҳам изҳор намоям, ки Рахимов А. омӯзгори ботаҷриба низ мебошад, дар дарсҳояш иштирок доштам, дарсҳояшро дар сатҳи баланд мегузаронад. Аз нуқтаи назари омӯзгорӣ низ унвонҷӯ шоистаи дараҷаи номзади илмҳои филология мебошад.

Раиси маҷлис дар идомаи ҷаласа чунин лоиҳаи **қарор**и маҷлисро пешниҳод намуд:

«Бо назардошти андешаҳои боло, ки иброз шуданд, Шӯрои олимони факултети забонҳои хориҷии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо протоколи № 3 аз 28-уми октябри

соли 2022 диссертатсияи Рахимов Абдулкосим «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ ҳамчун таҳқиқоти комилан анҷомёфта бо назардошти ислоҳи хатоҳои зикршуда барои баррасӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 037 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**

**«тарафдор» - 25 нафар,**

**«зид» - 0,**

**«бетараф» - 0.**

**Қарори №3-юм, аз «28» октябри соли 2022-юм.**

**Раиси Шуро**: дотсент М.Тиллохоҷаева

**Котиби Шуро :** дотсент И.Қосимова

**«Тасдиқ мекунам»:**

**Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** **Э.Наврӯззода**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**